*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРИЗИ РАСМӢ

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич ба диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзӯи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистонк", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод шудааст.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900-Молия (6D05090 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат менамояд, аз ҷумла: бандҳои 7.1.Тамоюлоти муосири ташкил ва амалкарди низоми суғурта ва бозори хадамоти суғуртавӣ; 7.2. Асосҳои назариявӣ ва методологии ояндабинӣ ва мониторинги рушди суғурта ва бозори хизматрасонии суғуртавӣ; 7.4. Ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии намудҳои нави маҳсулоти суғуртавӣ ва низомҳои дастгирии иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолии мамлакат; 7.5. Рушди низоми суғурта ва бозори суғурта дар шароити муосир; 7.6. Проблемаҳои назариявӣ ва методологии баланд бардоштан ва таъмини рақобатпазирии хизматрасонии суғуртавӣ ва ташкилотҳои суғурта; 7.7. Таъмини устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ.

2. **Муҳимияти мавзӯи таткиқоти диссертатсионӣ.** Мавзӯи таткиқоти диссертасионии Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзӯи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод шудааст, мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон ба иҷро расидааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молия «пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр

намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо» пешбинӣ шудааст. Дар татбиқи ин самтҳои стратегӣ, суғуртаи тиббӣ яке аз механизмҳои иқтисодӣ-молиявӣ маҳсуб мешавад, ки на танҳо самаранокии хизматрасониҳои тиббиро ба шахсони суғурташаванда таъмин намуда, вазъи молиявии суғурташудагонро беҳтар мегардонад, балки барои андӯхти маблағҳо барои сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз он ҷумла барои такмили низоми моддӣ - техникии соҳаи тандурустӣ мусоидат менамояд. Дар ҷаҳони муосир, давлатҳои дорои иқтисоди пешрафта моделҳои гуногуни суғуртаи тиббиро ҷорӣ намудаанд, ки ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби бахши хусусӣ дастгирӣ ёфтааст. Зеро ин самт дар таъмини рушди сармояи инсонӣ, ки омили бундёдии рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишварҳо маҳсуб мешавад, нақши калидӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки дар замони муосир муҳити берунаи зудтағйирёбандаи фаъолияти ҷомеаи инсонӣ шаҳрвандон-суғурташавандагонро зарурати эҷоди парадигмаи нави ҳаётгузаронӣ, ки бевосита бо хусусияти нави ҳамкории онҳо бо суғуртакунандагон, бо хавф ва номуайянӣ – дарки хавф ҳамчун таҳдид ба солимӣ алоқаманд аст, ба миён меорад. Дарки муносибатҳои мазкур аз ҷониби аҳолӣ талаботҳоро барои фаъолияти суғурта ба вуҷуд оварда, дар натиҷа рушди суғуртаи тиббӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ва рушди бозори суғуртаро ҳамчун соҳаи муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ ва яке аз вазифаҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян мекунад. Аз тарафи дигар тадбиқи суғуртаи тиббӣ ба ҳайси самтҳои молиякунонии соҳаи тандурустӣ ва ҳамзамон беҳтар намудани сатҳи даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби коҳиш додани хароҷотҳо барои нигаҳдорӣ ва ёрии тиббӣ мусоидат менамояд. Бинобар он масъалаҳои таҳияи муқаррароти илмӣ, методӣ ва назариявии марбут ба ташаккул, рушд, фаъолият, инчунин роҳҳои имконпазири тадбиқи пурраи суғуртаи тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми афзалиятҳо ва маҳдудиятҳоро барои он муайян мекунанд, мубрам мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Оид ба эътимоднокии натиҷаҳои илмии таҳқиқот ҷамъоварии теъдоди хеле фаровони захираҳои итилоотӣ вобаста ба мавзӯи татқикот ва коркарду таҳлили он бо истифода аз усулҳои муосир, ки муқаррароту натиҷаҳои назариявӣ ва амалии пажӯҳишро тасдиқ менамоянд, гувоҳӣ медиҳад. Заминаи иттилоотии тадқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва Ппаёмҳои Аососгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳисоботи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон,

ҳисоботи ширкатҳои суғуртавии ватанӣ, маводҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet», дигар маводҳои нашрнамудаи СММ дар самти рушди устувори соҳаи иҷтимоӣ ва вазъи саломатии шаҳрвандон, махзанҳои Интернетӣ ва маълумотҳои ҷамъовардаи худи муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ ташкил додааст.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёҳои илмӣ доир ба мавзӯи татқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои оморииро вобаста ба мақсади татқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

**Нововарии илмии тадқиқот** дар асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти суғуртаи тиббӣ ва таҳкими минбаъдаи он ҳамчун механизми молиякунонии соҳаи тандурустӣ ва рушди бозори суғуртаи миллӣ, ки ҳамзамон сатҳу сифати ҳаётии аҳолиро беҳтар менамояд, иборат мебошад.

Ба назари мо, элементҳои навгонии татқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

***Якум***, тавсифи муаллифии моҳияти суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизмҳои молиявикунонӣ барои соҳаи тандурустӣ муаяйн карда шуда, ҷанбаҳои методологӣ ва самтҳои таҳлилу арзёбии суғуртаи тиббӣ асоснок карда шудааст; усулҳои арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ тибқи равишҳои иқтисодӣ ва молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии ширкатҳои суғурта, сатҳи даромаднокии суғурташудагон ва беҳтар кардани вазъи молиявии хонаводаҳои суғурташуда, муқаррар карда шудааст.

***Дуюм***, дар пояи муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии низоми суғуртаи тиббӣ самтҳои асосии рушди низоми суғуртаи тиббӣ ва самтҳои рушди асосҳои институтсионии ташаккули он дар Тоҷикистон нишон дода шуда, вобаста ба он барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ва қонунгузории соҳа пешниҳодот коркард шудааст.

***Сеюм***, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаммоҳои рушдро дар роҳи рушди ташкилотҳои суғуртавӣ дар низоми миллии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили сатҳи пасти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани дониши касбӣ, имкониятҳои номусоиди бозори молиявӣ, номукаммалии шаффофияти бозори миллии суғурта муайян ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод карда шудааст.

***Чорум***, тамсилаи ташаккули суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардида, роҳҳои мукммалгардонии механизми маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ дар доираи созиш намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва буҷети давлатӣ асоснок карда шудааст.

***Панҷум***, механизми татбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусиятҳои вижагӣ дорад муаяйн карда шудааст; таъсири суғуртаи тиббӣ ба сатҳи даромади буҷети хонавода ва некӯаҳволии молиявии суғурташудагон муайян карда шудааст ва ғ.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар раванди ҳалии илмии масаълаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмиро дар самти асосноккунии механизмҳои ташаккул ва рушди суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми молиякунонии соҳаи тандурустӣ ва дар ин замина механизми муассири ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мебошад, коркард намояд. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи назария ва амалияи суғуртаи тиббӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: тахайюлоти (абстраксияи) илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, усули таҳлили эмпирикӣ, хулосабарорӣ, аналогия, таҳлили маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвалии маводҳои аслӣ.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлили васеи муаммоҳои рушд ва такомули низоми суғуртаи тиббӣ, асосҳои назаривию методологиро дар ин самт метавонад такмил диҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 10 зербоб, 25 ҷадвал, 11 расм, 19 диаграмма 6 формулаҳои математикӣ, 1 замима, хулоса ва пешниҳодҳо иборат буда, бо истифода аз 156 адабиёт таҳия карда шуда, дар 186 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, объект ва мавзӯъ, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии кори илмӣ мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои илмӣ-назариявии суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ»** моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сохтор ва вазифаҳои суғуртаи тиббӣ, нақши суғуртаи тиббӣ дар рушди низоми тандурустӣ ва солимии аҳолӣ, хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, самтҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии низоми суғуртаи тиббӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ дар навбати аввал муфассал ба шарҳу тавзеи моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сохтор ва вазифаҳои суғуртаи тиббӣ таваҷӯҳи ҷиддӣ додааст. Вай пайваста бо омӯзиши самтҳои алоҳидаи суғурта ҳамчун соҳаи махсус ва алоҳида ҷудо намуда дар расми 1.1. суғуртаи ҳатмии давлатӣ, суғуртаи шахсӣ, суғуртаи молиявӣ ва суғуртаи масъулияти шаҳрвандон, ки ҳар яке он дар навбати худ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда мешавад, тасниф намудааст. Вобаста ба усули абстаксияи илмӣ ва объекти таҳқиқот дар диссертатсия таваҷҷуҳи асосиро ба шарҳу таснифи

суғуртаи тиббӣ зоҳир намудааст. Ин нафъи суғуртаро муаллиф ба суғуртаи шахсӣ маҳсуб донистааст. Мафҳуми суғуртаи тиббиро дар доираи LES-маълумот шарҳ додааст, яъне 3 ҷузъи муҳими онро ҷудо намудааст; ҳуқуқӣ (Law); иқтисодӣ (Economic); иҷтимоӣ (Segmental). Илова ба ин дар диссертатсия принсипҳои тадбиқи суғуртаи тиббӣ вобаста ва функсияҳои амалкунандаи он ҳаллу фасл ёфтааст (расми 1.3.). Ин ҷо ба 2 самти принсип ва функсияҳои суғуртаи тиббӣ таваҷӯҳ зоҳир намудааст (с 16-26).

Дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои заминаҳои методологии таҳлил ва арзёбии суғуртаи тиббӣ вай ба муносибатҳои функсионалӣ ва институтсионалӣ такя намудааст. Илова бар ин, нақши муносибатҳои аники маркетингиро дар шаклгириву арзёбии суғуртаи тиббӣ алоҳида қайд намудааст (расми 1.5) (с. 33-40). Дар самти таҳқиқи асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии ташаккули суғуртаи тиббӣ ба Консепсияи давлатии иҷтимоӣ, ки дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст, аниқтараш дар моддаҳои 38-39-и Конститутсия муайян гардидааст, такя намудааст. Вобаста ба ошкор намудани норасогиҳои низоми суғуртаи тиббӣ баҳри рушди асосҳои институтсионии ташаккули суғуртаи тиббӣ дар мамлакат дарояндаи наздик, чанд мавқеи калидиро пешниҳод намудааст. Дар баробари ин муаллиф таъкид намудааст, ки бояд принсипҳои зерини суғуртаи тиббӣ роҳандозӣ карда шавад: устувории низоми молиявии суғуртаи ҳатмии иҷтимоии тиббӣ, ки бо баробарии фарогирии суғурта ва мукофотҳои суғурта таъмин карда мешавад; кафолати давлатии риояи ҳуқуқи шахсони суғурташуда дар ҳифзи хавфҳои суғуртаи тиббӣ ва иҷрои уҳдадориҳо оид ба суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии тиббӣ, новобаста аз вазъи молиявии суғуртакунанда; баробарии иштироки намояндагони субъектҳои суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии тиббӣ дар мақомоти идоракунӣ; масъулият барои истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи тиббӣ; баланд бардоштани вазъи молиявии муассисаҳои тиббӣ дар асоси тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; баланд бардоштани маърифати молиявии шаҳрвандон ва ҳавасмандии онҳо ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; роҳандозии механизмҳои соддаи маблағгузориҳо дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ мустақилияти низоми молиявии суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ (с.45-53).

**Дар боби дуюм - «Арзёбии ҳолати муосир ва ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон»** вазъи маблағгузории соҳаи тандурустӣ, ҳолати истифодаи маблағҳои буҷетӣ, таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо мутахассисони варзидаи соҳавӣ, вазъи суғуртаи тиббӣ, ширкатҳои суғуртавӣ ва фаъолияти онҳо дар самти суғуртаи тиббӣ, раванди сармоягузорӣ ба соҳаи тандурустӣ, суғуртаи тиббӣ дар низоми суғуртаи миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Тамоюлҳои муосири рушди соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ дар мамлакат арзёбӣ гардидааст. Муаллиф афзудааст, ки модели

иқтисоди бозории ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронидашудаи тағйироти сифатиро дар низоми ҳифзи суғуртаи аҳолӣ талаб менамояд. Дигаргуниҳои сифатӣ, пеш аз ҳама, бо муҳайё кардани кафолатҳои нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани солимии аҳолӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи гирифтани он, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии моддӣ нигаронӣ дошта бошанд. Мушкилоти соҳаи тандурустӣ дар марҳалаи гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ соҳаи тандурустии мамлакат ки бо муаммоҳои молиявӣ, кадрӣ, захиравӣ рӯ ба рӯ гардиданд, муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли он низ пешниҳод гардидааст. Масалан, ташкил ёфтани муассисаҳои тиббии хусусии типпи нав ва ё соҳибкории иҷтимоӣ дар низоми тандурустии мамлакат, ки ҳамчун рақобаткунанда ба муассисаҳои тиббии давлатӣ баромад мекунад, барои ҳалли чандин мушкилот мусоидат намудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия пайваста ба омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ин масаъла зарурати равнақ додани ҳамкории давлату бахши хусусӣ, маблағгузории давлатии соҳаи тандурустӣ бо низоми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар низоми суғуртаи тиббӣ таъкид шудааст ва роҳҳои муаммалгардонии ин ҳамкориҳо низ асоснок карда шудааст. Нигаҳдории чунин мунсибат тибқи қонунгузориҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии аввалияи тиббӣ ройгон ба аҳолиро низ сифати давлати иҷтимои пазируфта, дар таҳкими ин самт тавсияҳои амалӣ низ коркард карда шудааст. Динамикаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тамоюлоти болоравӣ дорад, нишон дода шудааст. Мушкилоти соҳаи тандурустӣ дар бобати фирори мутахассисони соҳа бо сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат дар муассисаҳои тандурустии давлатӣ низ қайд шуда, зарурати андешидани тадбирҳоро таъкид намудааст. Зеро, ки ин ҳолат боиси паст шудани хизматрасонии тиббӣ гардида, ба вазъи саломатии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд, зеро мутахассисон дар бисёре аз беморхонаҳо бинобар паст будани савия ва малакаи касбиашон наметавонад омилҳои бемории беморонро муайян намоянд (с.60-70).

Дар мавриди таҳлили бозори суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаалиф вазъи иқтисодиву молияавии иштирокдорони ин бозорро, ки айни замон 16 ширкати суғуртавӣ барои хизматрасониҳои гуногуни суғуртавӣ машғул мебошанд, мавриди таҳлил қарор додааст. Чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.6. аён шудааст дар сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи миллӣ ҳамасола тағийротҳо ба миён меояд: аз як тараф ба бозор дохил шудани иштирокчиёни нав ва аз тарафи дигар ба муфлисшавӣ рӯ ба рӯ шудани ташкилотҳои суғурта ба чашм мерасад. Сабабҳои ин тағирот низ муаяйн карда шудааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки “барои ташкили низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ шартҳои асосии ташкилотҳои суғурта ва муассисаҳои тандурустӣ, ҳам дар қисми таъминоти моддию техникӣ, кормандони баландихтисос, хизматрасониҳои босифати тиббӣ ва ташхисӣ ва ҳам дар

қисми ҳисоббаробаркуниҳои ҳамаҷонибаи ғайринақдӣ бояд риоя карда шаванд” (с.74 -84).

Сипас, унвонҷӯ ба арзёбии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ додааст. Вай таъкид намудааст, ки омилу шароити муҳими рушди минбаъдаи фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, бозори суғуратаи тиббӣ аз ҷумла суғуртаи ихтиёрии тиббиро баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ донистааст. Илова бар ин, муаллиф муҳиммияти татбиқи “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” –ро дар мустаҳкам намудани самтҳои ҳуқуқӣ ва пояҳои молиявии ширкатҳои суғуртавӣ, беҳтар намудани самтҳои хизматрасониҳои молиявӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ таъкид намудааст. Дар стратегияи мазкур оварда шудааст, ки: «...новобаста аз дастовардҳои солҳои охир, бозори суғуртаи кишвар рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Таҳия ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта, таҳкими иқтидори ташкилотҳои суғуртавӣ, васеъ кардани доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла маҳсулоти суғуртавӣ дар асоси принсипҳои суғуртаи исломӣ (такофул), таҳияи нақшаи таҳқиқот ва гузаронидани таҳқиқоти махсус оид ба масъалаҳои суғурта» яке аз самтҳои афзалятнок то давраи соли 2026 ба ҳисоб меравад». Дар диссертатсия шаклҳои хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (расми 2.1.) ва марҳилаи гирифтани ёрии тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ низ тавсифу тасниф ёфтаанд (с.90-102).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои афзалиятноки рушди суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** рушди суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми ташкилӣ-иқтисодии молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ, ташаккул ва рушди механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини молиявии суғуртаи тиббӣ, роҳҳои такмили суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар ҷумҳурӣ, таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокӣ ва дастгирии молиявии суғурташудагон, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва амалӣ намудани он дар шароити имрӯзаи бозорӣ суғуртаи тиббӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф асонок намудааст, ки барои пурра ҷорӣ намудани низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бояд инфрасохтори хуби табобатӣ ва ташхисӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва зерсохторҳои он муҳайё карда шавад. Барои коркарди пешниҳоду тавсияҳои амалӣ муаллиф SWOT-таҳлил барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми иқтисодӣ дар самти молиякунонии соҳаи тандурстӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа таҳлил нишон додааст: мавҷудияти потенсиалӣ ба қадри кофӣ баланд барои рушди суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар асоси стратегияи ҳамаҷониба; маҷмӯи механизмҳои давлатӣ ва хусусии ҷалби захираҳои молиявӣ; дар байни омилҳое, ки ба татбиқи иқтидори низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мешаванд, нақши асосиро омилҳои умумии иқтисодӣ (ва қисман сиёсӣ ва иқтисодӣ) ва иҷтимоӣ мебозанд ва аз ин рӯ, беҳтар намудани суғуртаи тиббӣ бояд дар оянда ҳамчун ҷузъи ҳатмии islоҳоти на танҳо низомҳои суғуртаи

иҷтимоӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ, балки соҳаи тандурустӣ, бозори суғурта, молияи давлатӣ ва умуман иқтисодиёти миллӣ бошад; рушди суғуртаи тиббӣ ба таъсиси низоми дастгирии молиявии соҳаи тандурустӣ, ки ба хатарҳои дохилӣ ва беруна бештар тобовар бошад, барои навсозии соҳа, баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ заминаҳои молиявӣ ва моддӣ фароҳам орад. Дар диссертатсия бо мақсади такмили низоми суғуртаи тиббӣ ва маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ модели иқтисодии ташаккули суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми маблағгузории соҳаи тандурустӣ пешниҳод карда шудааст (с.105-114).

Муаллиф самтҳои мукаммалгардонии суғуртаи ихтиёрии тиббиро дар шароити муосир асоснок намудааст. Ӯ афзудааст, ки аз соли 2020 сар карда, рушди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар баробари дигар намудҳои суғурта аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ таъмин карда шуда, самтҳои хизматрасониҳои тиббӣ дар раванди суғуртаи ихтёрии тиббӣ беҳтар карда шудааст. Муаллиф бо истифода аз тадқиқоти иҷтимоӣ чандин мушкилот, аз он ҷумла монеаҳои асосие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти андозбандӣ дучор шудаанд, муайян намудааст ва роҳҳои ҳалли онро нишон додааст. Дар ин, замина то кадом андоза рушди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба рушди бозори суғурта таъсир мерасонад, ки он бо истифода аз маълумотҳои оморӣ дар модели регресионӣ-корелатсионӣ бо истифода аз барномаи Statistica-10 ва Ecxel арзёбӣ намудааст (с.118-125).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

**5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Ақидаҳои асосии назариявӣ-амалӣ, асосноккунии методологиву – методии ташаккул ва рушди суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми молиякунонии соҳаи тандурустӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили тарзу услуби мукммалгардонии он муфид арзёбӣ мегарданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, бо коркарду таҳлили захираҳои итилоотӣ бардошти натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот низ дарак медиҳад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар шакли рӯнамоӣ ва маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар дохил ва хориҷи кишвар (2019-2024) ба табъ расидааст: аз ҷумла, иштирок дар Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2019) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таҳти унвони “Мушкилотҳои рушди суғурта дар шароити иқтисодиёти

Ҷумҳурии Тоҷикистон”; иштирок ва суханронӣ (онлайн) дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Интеграция наук” дар шаҳри Краснодари Федератсияи Россия, 20 июли соли 2021 дар мавзуи “Экономическое социальное значение и основные условия государственного социального страхования в современных условиях” ва ғ. Ҳамзамон, дар чандин конфронсҳои дигари байналмилалӣ, ки дар махзани маълумотии РИНЦ / Ядро РИНЦ индексатсия мешаванд, бо мақолаҳои илмӣ баромад намудааст.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти назариявию амалии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва таҳлили механизмҳои ташаккул ва рушди низоми суғуртати тиббӣ дар низоми иқтисоди бозори рӯ ба иҷтимоиёт нигаронида шуд, бахусус вазифаи иҷтимоииву иқтисодии он дар таъмини рушди соҳаи тандурустӣ мебошад.

Натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар фаъолияти амалии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, ширкатҳои суғуртавӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳо дар самти тадбиқ ва рушди суғуртаи тиббӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, маводи таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ ҳангоми хондани лексияҳо аз фанни «суғурта» ва ҳангоми гузаронидани курсҳои махсуси соҳавӣ, инчунин ҳангоми дар корҳои илмии магистрону доктори фалсафа аз рӯи ихтисос (PhD) истифода бурда мешавад.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 3,8 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 7 мақолаи он дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расидааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимодноқии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври

мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал, формула ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такомули ташаккул ва рушди низоми суғуртати тибии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд. Диссертатсия бо тарз ва усули илман асоснокшуда ва қаблугардида мавриди омода қарор дода шудааст. Автореферат ва мақолаҳои нашргардида ба мазмун, моҳият ва мундариҷаи диссертатсия шабоҳат доранд.

9. **Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия.** Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Танҳо дар самти такмили механизмҳои молиявии суғуртаи тиббӣ пешниҳоди тавсияҳо шудааст, ки номи мавзӯи тадқиқотро маҳдуд менамояд.

2. Дар мавриди таҳқиқи асосҳои методологии таҳлил ва арзёбии суғуртаи тиббӣ муносибатҳои арзёбии миқдориву сифатии хизматрасониҳои суғуртаи тиббӣ, нишондиҳандаҳои арзёбӣ хеле маҳдуд барассӣ шудаанд. Масалан, тавсифу таснифи нишондиҳандаҳои ифодагари самаранокии иҷтимоиву иқтисодии асосҳои ташкиливу иқтисодӣ ва устувории молияӣ ташкилотҳои суғурта дар доираи маҳдуд барассӣ шудаанд.

3. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ бояд таснифи васеътар мешуд, то ин ки хонанда тавонад фарқияту ягонагии механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилии низоми суғуртаи тиббиро дарк намояд.

4. Маводдҳои таҳлилии боби дуюм, ба назари мо, мутобиқ бо унвони мавзуи таҳқиқот пас аз арзёбии тамоили рушди суғуртаи тиббӣ дар мамлакат бояд ба таҳлили ташаккулу рушди механизмҳои ташкили суғуртаи тиббӣ ва механизмҳои иқтисодии рушди ташкилотҳои суғурта марбут ба хизматрасониҳои тиббӣ ҷудо мешуд.

5. Дар мавриди мукаммалгардонии механизмҳои рушди низоми суғуртаи тиббии мамлакат зарур буд ба роҳҳои таъмини рушди чунин механизми ташкилӣ – соҳибкориии иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ низ таваҷҷуҳ дода мешуд.

6. Дар мавриди таҳқиқи механизмҳои иқтисоди рушди суғурта ҳисоби актуалӣ, бахусус нархи хизматрасониҳои суғуртаи тиббӣ, яъне шаффофияти тарофаҳо нақши калидӣ дорад. Аммо ин масаъла берун аз назари таҳлил монадааст.

Дар умум метавон қайд намуд, ки диссертатсия, таҳқиқоти илман асоснокшуда ва саривақтӣ мебошад, зеро муаммоҳои илмии назариявӣ ва методологии рушди низоми суғуртаи тиббӣ, муайян намудани мушкилоти ҷойдошта арзёбӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзӯи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901) – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини директор оид ба корҳои илм
ва таълими Инистути иқтисодиёт ва
демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон — Мирсаидов А.Б.

*Имзои МирсаидовА.Б.-ро тасдиқ менамоям:*
Инспектори калони кадри
Инстистути иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Аюби Ф.

ШУЪБАИ КОРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44, сомонаи расмӣ:* *https://www.ied.tj/ E-mail: info@ied.tj Тел:+992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65*